*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

22 январи соли 2025

№ 1-2 (219-220)

# АЗ ХУБ БА ХУБТАР ШИТОБЕМ

## чунин буд мазмуну муҳтавои ҳисоботи солонаи ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ

**Дар ҷаласаи Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки 3-юми январи соли ҷорӣ баргузор гардид, ҳисоботи ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар бораи ҷамъбасти соли сипаригардида ва вазифаҳо дар соли нави 2025 шунида шуд.**



Аз ҷумла гуфта шуд, ки Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ ва зимни вохӯриҳо бо ҷавонон, зиёиён ва аҳли ҷамоатчигии мамлакат бармеоянд, инчунин амалӣ намудани қарорҳои Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Фирдавсӣ як қатор корҳоро ба сомон расонид.

Раёсати донишгоҳ дар ин давра, фаъолияташро дар чаҳорчӯбаи амалишавии бандҳои дахлдори як қатор Стратегия ва барномаҳои давлатӣ ба роҳ монда, баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир, афзун намудани дастовардҳои илмӣ нақша-чорабиниҳо таҳия намуда, онҳоро зина ба зина амалӣ намуд.

Дар соли ҳисоботӣ барои ҷавобгӯ будан ба таҳдидҳо ва хавфҳое, ки солҳои охир дар таҳсилоти олии касбии кишвар оид ба қабули довталабон ба чашм мерасад, инчунин бо дарназардошти расидан ба ҳадафҳои стратегии зудтағйирёбандаи соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гуногунсамти донишгоҳ ва расидан ба нишондиҳандаҳои Стратегияи рушди ДТТ барои солҳои 2024-2030 аз тарафи раёсати донишгоҳ сохтори он такмил дода шуда, аз ҷониби сарпараст - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.




Айни ҳол дар сохтори донишгоҳ 8 факултет, 6 идора, шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, 20 кафедра, 4 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд.

Бо саъю талоши раёсат ва кормандони донишгоҳ дар соли 2024 аз рӯи 44 ихтисос донишҷӯ қабул карда шуд, ки нисбат ба соли 2023-юм 8 ихтисос зиёд мебошад.

Агар иҷрои нақшаи қабули донишҷӯёнро дар ду соли охир муқоиса намоем, мушоҳида мешавад, ки дар соли ҳисоботӣ нақшаи қабул 84,4% иҷро гардида, нисбат ба соли 2023, ки 56,7%-ро ташкил медод, 27,7% боло рафтааст.

Бо дарназардошти кушода шудани якчанд ихтисоси нав дар донишгоҳ, - гуфт Зоир Файзалӣ, - ба тамоми сохторҳои донишгоҳ супориш дода мешавад, ки корҳои таблиғотиву ташвиқотиро ҷиҳати ҷалби довталабон ба донишгоҳ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд. Алалхусус ихтисосҳои наве, ки байни довталабон ҳоло муаррифӣ нагардидаанд. Инчунин, омилҳои асосии интихоб нашудани ихтисосҳоеро, ки ба онҳо дар бозори дохилии меҳнат талабот вуҷуд дорад, вале аз ҷониби истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ пазируфта нашуданд, таҳлил намуда, барои бартараф кардани ин ҳолат чораҳои мушаххас андешида, пешниҳод манзур намоянд.

Дар донишгоҳ то 1-уми декабри соли 2024 барои пешбурди раванди таълим дар умум 215 нафар омӯзгор, аз ҷумла 165 нафар омӯзгори доимӣ ва 50 нафар омӯзгори ҳамкор ба фаъолият фаро гирифта шудаанд.

Аз ҳайати омӯзгорони доимӣ 104 нафарашонро омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта (14 нафар доктори илм ва 90 нафар номзади илм) ташкил медиҳад, ки ба 63,0% баробар аст. Ҳол он ки ин нишондиҳанда то 01.12.2023 ба 62,2 % баробар буд.

Дар робита ба ин,-гуфт ректори донишгоҳ,- таъкид менамоям, ки тамоми докторантон ва унвонҷӯён фаъолияти илмиашонро тибқи нақшаҳои корӣ ба роҳ монда, дар мӯҳлатҳои муайяншуда корҳои илмиашонро ба ҳимоя пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, ба масъулини соҳаи илм дастур дода мешавад, ки назоратро ҷиҳати сари вақт ба итмом расонидани корҳои илмии докторантону унвонҷӯён пурзӯр намуда, роҷеъ ба мушкилоти дар ин самт пешомада бетаваҷҷуҳ набошанд.

Гуфта шуд, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2024 маротибаи шашум аз аттестатсияи навбатии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, соҳиби Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ба мӯҳлати бемаҳдуд дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ аз рӯйи 57 барномаи зинаи бакалавр, 36 барномаи зинаи магистратура, 8 ихтисоси докторантура аз рӯйи ихтисоси (PhD), 30 курси кӯтоҳмуддат, 6 курси тайёрии омӯзишии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як Маркази таълимию хизматрасонии “Меҳри модар” дар ноҳияи Темурмалик мутахассисонро тайёр мекунад.

Бояд гуфт, ки яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ба ин васила боло бурдани обрӯю эътибори донишгоҳ, аз аккредитатсияҳои байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таҳсилотии донишгоҳ ва ширкат дар рейтингҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, дар соли ҳисоботӣ бо талошҳои пайвастаи раёсати донишгоҳ ва қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 26 январи соли 2024, ду ихтисоси амалкунандаи равияи технологияи саноати хӯрока аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта ба мӯҳлати 5 сол сазовори шаҳодатнома гардиданд. Айни замон 5 ихтисоси донишгоҳ соҳиби Шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин, - гуфт Зоир Файзалӣ, - раёсати таълим ва идораи сифати таҳсилот, илм ва инноватсия ва робитаҳои байналмилалиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ то аввали моҳи октябри соли 2025 барои гузаштани донишгоҳ аз аккредитатсияи институтсионалии байналмилалӣ чораандешӣ намоянд.

с. 2-3

# АЗ ХУБ БА ХУБТАР ШИТОБЕМ

Донишгоҳ барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия чораҳои зарурӣ андешида, мавқеи худро дар фазои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он баланд намуда истодааст. Алҳол ДТТ дар рейтинг байни 40 муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми 8-умро ишғол менамояд.

Вобаста ба ин, раёсати таълим ва идораи сифати таҳсилот, тарбия ва идеология, илм ва инноватсия ва робитаҳои байналмилалӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаҳои донишгоҳ ва ворид шудан ба рейтинги панҷгонаи беҳтарин дар байни МТОК-и кишвар корбарӣ намоянд.

Илова ба ин, дар ҳошияи чорабиниҳо бахшида ба амалишавии Барномаи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", "Солҳои рушди саноат эълон гардидани солҳои 2022-2026" ҷиҳати амалишавии принсипҳои таҳсилоти ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда бо дарназардошти талаботи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳадафҳои стратегии кишвар ва ба стандартҳои байналмилалии муваффақ мутобиқ гардонидан, масъулинро зарур аст, ки аз рӯи 57 ихтисоси амалкунанда нақша ва барномаҳои таҳсилотиро такмил дода, ҳуҷҷатҳои мазкурро барои аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва имзо кунонидан пешниҳод намоянд.

Натиҷаи таҳлили давомоти донишҷӯён нишон дод ки, - гуфт ректори донишгоҳ, - дар ин самт деканон ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ, кураторони гурӯҳҳои таълимӣ-академӣ корро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондаанд. Аз ин рӯ, деканҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо ва кураторони гурӯҳҳои таълимӣ-академиро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи давомоти донишҷӯён корҳоро ҷоннок карда, бо волидайни донишҷӯён корҳои фаҳмондадиҳӣ баранд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияташ зиёда аз 17647 нафар мутахассисро доир ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар тайёр намудааст, ки 680 нафари онҳо донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кардаанд.

Бахри боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сатҳи сифати рисолаҳои тахассусии хатм, кафедраҳои пешбар вазифадор карда мешаванд, ки дастурҳои методиро оид ба иҷрои рисолаи хатм таҳия намуда, робитаро байни роҳбарон ва донишҷӯён таъмин созанд.

Инчунин мудирони кафедраҳои тахассусӣ вазифадор карда мешаванд, ки фоизбандии дараҷаи иҷрои корҳои хатмро дар чор давра қатъиян иҷро намоянд.

Боиси хурсандист, ки дар соли ҳисоботӣ аз ҷониби омӯзгорон ва профессорони донишгоҳ 69 номгӯй китоб ва маводи таълимӣ, аз ҷумла, 1 китоби дарсӣ, 22 дастури таълимӣ, 41 дастури методӣ ва 5 монография таҳия ва аз чоп бароварда шудааст.

Барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ, махсусан бо забони тоҷикӣ, мудирони кафедраҳо вазифадор карда мешаванд, ки бахри иҷрои нақшаи таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимию методӣ фаъолияташонро дар ин самт ҷоннок намуда, фанҳои тахассусии ба кафедраҳо мансуббударо бо маводҳои таълимию методӣ бо пуррагӣ таъмин намоянд.

Дар соли ҳисоботӣ, Донишгоҳ бо истифода аз захира ва имкониятҳои мавҷуда ва ҳамкориҳои муштарак бо шариконии худ дар самти амалӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ дар раванди таълим ва идоракунии Донишгоҳ корҳои назаррасеро ба анҷом расонидааст.

Дар соли сипаригардида бо пешниҳоди масъулин 3 озмоишгоҳи тахассусӣ барои факултетҳои технология ва дизайн, телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ ва Маркази омӯзишӣ сертификатсионӣ ва рушди инноватсия аз таъмири асосӣ бароварда шуда, 50 адад компютери наву замонавӣ ва як қатор таҷҳизоти телекоммуникатсиониву техникӣ харидорӣ ва насб карда шуд, ки бароп гузаронидани машғулиятҳои фанҳои тахассусӣ бо истифода аз барномаҳои типи нав ва сатҳи баланд мусоидат мекунанд.

«Донишгоҳи рақамӣ» - як консепсияи муосир дар таҳсилот мебошад, ки дар он истифодаи технологияҳои рақамӣ ва интернет барои таълим ва омӯзиш дар муҳити виртуалӣ ва онлайнии ҷорӣ ҷойгоҳи асосиро мегирад. Аз ин рӯ, Идораи татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ



вазифадор карда мешавад, ки нақша-чорабиниҳоро оид ба ҷорӣ намудани низоми "Донишгоҳи рақамӣ" ва дар ин замина ҷиҳати тақвияти платформаҳои электронии Донишгоҳ ва таъсиси ІТТ-Паркро таҳия ва пешниҳод намояд.

Зикр гардид, ки барои баланд бардоштани касбияти кормандону донишҷӯён, инчунин фаро гирифтани дигар шаҳрвандон барои касбомӯзӣ дар давраи ҳисоботӣ курсҳои таълимӣ-сертификатсиониро 321 нафар хатм намуда, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Инчунин, дар доираи ҳамкориҳо 33-нафар устодони Донишгоҳ бо ҷалби мутахассисон аз донишгоҳҳои дохил ва хориҷи кишвар аз курсҳои кӯтоҳмуддати ройгони самти саноати сабук ва забономӯзӣ гузашта, соҳиби шаҳодатномаҳои хатм гардиданд.

Аз ҷониби Раёсати Донишгоҳ дар самти мустаҳкам намудани алоқа бо истеҳсолот ва фароҳам овардани шароит барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён 24 шартномаи ҳамкорӣ бо корхонаю муассисаҳо, аз он ҷумла, бо 11 корхонаи саноатӣ баста шуданд. Дар умум, Донишгоҳ бо зиёда аз 150 корхона, ташкилот ва муассиса шартномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст.

Дар давоми соли сипаригардида дар назди корхонаҳо 8-филиали кафедраҳои тахассусии Донишгоҳ таъсис дода шуд. Айни замон дар маҷмӯъ 17 филиали кафедраҳо фаъолият доранд.

Дар соли 2024 13 нафар омӯзгор ва корманди Донишгоҳ бомуваффақият рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дифоъ намуда, як нафар бо Ҷоизаи давлатӣ барои омӯзгорон ва олимони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ сарфароз гардонида шуд.

Дар соли 2024 дар Донишгоҳ чорабиниҳои зиёде ташкил ва гузаронида шуданд, ки 59-тои он марбут ба самти илм мебошад. Аз ҷумла, 1 конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, 1 Симпозиуми байналмилалӣ, 3 конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 1 ҳамоиши илмии донишгоҳӣ, 2 конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ, 23 семинари илмӣ ва 28 мизи мудаввар.

Раёсати Донишгоҳ дар раванди татбиқи "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар давоми соли 2024 бо мақсади самаранок ба роҳ мондани кор дар самтҳои гуногуни тарбияи миллию ғоявӣ, хештаншиносиву худогоҳии миллӣ, ватанпарастиву маърифатӣ, тарбияи ахлоқиву маънавӣ, тарбияи ҳуқуқиву гуманистӣ, зебоипарастиву ҷисмонӣ, тарбияи меҳнативу касбинтихобкунӣ, экологиву тарзи ҳаёти солим ва тарбияи таҳаммулгароиву тоқатпазирӣ дар робитаи зич бо мақомотҳо, сохторҳо, вазоратҳо ва муассисаҳои дигари таълимӣ фаъолият намуда, як қатор чорабиниҳо гузаронида шуданд.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби масъулини корҳои тарбиявӣ-идеологии ДТТ зиёда аз 794 чорабинӣ, вохӯрӣ, хониши сиёсӣ, мизи мудаввар, форум, озмун, маҳфил, аксияҳо ва семинарҳо баргузор карда шудаанд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 120 адад ё худ 17% зиёд мебошад.

Соли сипаригардида барои ДТТ дар самти корҳои тарбиявию идеологӣ соли пурсамар ва хеле хотирмон ба ҳисоб меравад. Дар ин давра якчанд форуму конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ бо иштироки олимону коршиносони соҳа ва ходимони сиёсиву давлатӣ дар сатҳи баланд доир гардиданд, ки ин ба нуфузу обрӯи донишгоҳ таъсири мусбӣ гузошта, ба ин васила дастовардҳои донишгоҳро дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ намуданд.

Дар баробари ин, ба идораи ташкиливу тарбиявӣ супориш дода мешавад, ки Дастурамали либосҳои тавсиявиро барои донишҷӯён, хонандагон ва кормандони Донишгоҳ таҷдиди назар карда, риояи ҳатмии он барои хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар чораёни дарсҳо зери назорати қатъӣ қарор дода шавад.

Дар раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Таъмини иҷрои талаботи "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030", "Стратегияи давлатии Муқовимат ба терроризму экстремизм" барои солҳои 2021-2025, Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Самаранокии кори кураторон ба роҳ монда шуда, робитаи пайвастаи волидайн бо кураторон ва деканони факултетҳо тақвият дода шавад.

Донишгоҳ дар самти ба роҳ мон-



# АЗ ХУБ БА ХУБТАР ШИТОБЕМ

дани робитаҳои хориҷӣ бо 27 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст, ки ин нисбат ба соли 2023 қариб 2 маротиба зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ 24 нафар олимону муҳаққиқон ва донишҷӯёни Донишгоҳ барои иштирок дар чорабиниҳои гуногун аз қабили семинарҳо, курсҳои такмили ихтисос ва форумҳо, инчунин барои таҳсил ва коромӯзӣ дар доираи лоиҳаҳои байналмилалии барномаҳои Erasmus+, GIZ, УШОС ва ҳамкориҳои тарафайн ба хориҷи кишвар фиристода шуданд.

Дар соли ҳисоботӣ барои иштироки фаъолона дар лоиҳаҳои барномаи Erasmus+ Иттиҳоди Аврупо Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун донишгоҳи пешсаф дар тахия ва дарёфти грантҳои молиявӣ, аз ҷониби Дафтари миллии Erasmus+ дар Тоҷикистон бо Ҷоизаи махсус сазовор гардонида шуд, ки ба нуфузи донишгоҳ такон бахшид.

Айни замон дар доираи лоиҳаҳои мубодилаи академии барномаи Erasmus+ дар донишгоҳ 6 лоиҳа бо донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо – Донишгоҳи Гранада (Шоҳигарии Испания), Донишгоҳи Валядолид (Шоҳигарии Испания), Донишгоҳи Падуя (Италия), Донишгоҳи политехникии Браганза (Португалия), Донишгоҳи Павислански Квидзин (Лаҳистон), Донишгоҳи технологии Силесия (Лаҳистон) татбиқ шуда истодаанд.

Зикр гардид, ки дар Донишгоҳ ба ҳолати 01.12.2024-ум 4 нафар ятими кулл, 7 нафар маъюби гӯруҳи 2, зиёда аз 67 нафар донишҷӯи ниматим ба қайд гирифта шуда, шароити таълиму тарбия ва масоили иҷтимоии онҳо таҳти назорати мунтазами роҳбарият қарор дода шудааст. Ҷиҳати дастгирии иҷтимоии донишҷӯёни ятиму маъюб дар давраи ҳисоботӣ барои таъмин намудани онҳо бо сару либоси тавсиявӣ, лавозимоти хониш, ширинихо ва кумаки якдафъаинаи пулӣ 28480 сомонӣ масраф гардид.

Ректори донишгоҳ иброз дошт, ки Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара фаъолияташро мутобиқи Нақшаи фаъолияти таълимӣ, инноватсионӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбиявӣ ба роҳ монда, дар соли ҳисоботӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст.

Дар сохтори ФДТТ дар ш. Исфара 2 факултет, 4 кафедра, 6 шуъба, 5 марказ, 3 бахш, китобхона, идораи хоҷагидорӣ, муҳосибот фаъолият менамоянд.

Филиали донишгоҳ дорои 3 бинои таълимӣ, 30 синфхона, 12 озмоишгоҳ, 1 технопарк, 2 устохона, 7 тахтаи электронӣ, 9 проектор, 27 принтер, 78 компютер, 20 ноутбук мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ дар ФДДТ дар шаҳри Исфара 1 конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ва 4 семинари илмӣ гузаронида шуда, аз ҷониби омӯзгорони филиал 3 патент ба даст оварда шудааст.

Инчунин аз ҷониби омӯзгорони филиал 2 китоби дарсӣ, 13 дастури таълимӣ-методӣ ва 11 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

Ба раёсати ФДТТ дар ш. Исфара супориш дода мешавад, ки иҷроиши нақша - чорабиниҳои ислоҳи камбудиҳо ва вазифагузориҳо аз сафари корӣ ва воҳӯрии ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо омӯзгорон ва кормандони филиалро (рӯзҳои 21-ум ва 22-юми ноябри соли 2024) бо пуррагӣ таъмин намоянд.

Инчунин ба садорати филиал дастур дода шуд, ки корҳои идеологиро дар самти пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти террористиву экстремистидошта чораандешӣ намуда, хурофотпарастӣ ва майл кардан ба фарҳанги бегонаро пешгирӣ намоянд.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо қаноатмандӣ иброз намуд, ки Литсейи инноватсионии Душанбеи назди ДТТ дар соли 2024 ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, 5 нафар хонандаи ин муассисаи таълимӣ дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии “Илм фурӯғи маърифат” 1 нафар ҷойи 1-ум, 1 нафар ҷойи дуюм ва 3 нафар ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Инчунин, дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” 1 нафар хонанда ҷойи 2-юмро соҳиб гардид.

Дар идомаи ҷамъомад аз ҷониби Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба чанде аз омӯзгорону кормандони ДТТ ва омӯзгорону хонандагони Литсейи инноватсионии Душанбе барои хатми бомуваффақияти курси такмили ихтисос, дастовардҳои арзанда ва ишғол намудани ҷойҳои ифтихорӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат” ва “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, Шаҳодатнома, Ифтихорнома, Сипоснома ва мукофотҳои пулӣ супорида шуд.

Дар хотима ректори донишгоҳ ба ҳайати профессорону омӯзгорони ДТТ ва филиали он дар шаҳри Исфара, инчунин омӯзгорони Литсейи инноватсионии Душанбе ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли кишвар барору комёбӣ орзу карда, изҳори умед намуд, ки аҳли илм ва дигар кормандони донишгоҳ “Аз хуб ба хубтар кору фаъолият кардан”-ро ҳадафи асосии хеш қарор дода, дар соли 2025 дастовардҳояшонро боз ҳам афзунтар мегардонанд.

**Раҷабалӣ ШАРИФ,**
**хабарнигори “Фановар”**

## ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМ

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-РОҲНАМО БАҲРИ ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТА

*Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар (28.12.2024) самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои ояндаи муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.*

Қобили зикр аст, ки дар паёмҳои ҳамасолаи Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба беҳтаргардонии сатҳи зиндагонии аҳолӣ масъалагузорӣ карда мешавад. Агар паёмҳои солҳои пешинро таҳлил кунем, мебинем, ки аз аввал то имрӯз баҳри зиндагии шоистаи мардум дастуру супоришҳо шуда, дар натиҷаи татбиқи амалии онҳо дар ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Афзудани ҷойҳои нави корӣ, боло рафтани дараҷаи саводнокии аҳолӣ, беҳтар гардонидани сатҳи зиндагонӣ, рушди бемайлони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, нақлиёт, алоқа, хизмати маишӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ғайра маҳз самараи татбиқи сиёсати оқилонаю дурандешонаи Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳадафи асосиашон зиндагии осоиштаи мардум ва ободию шукуфоии Тоҷикистон аст, мебошад.



Бо мақсади боз ҳам пешрафта ва шукуфо гардонидани кишвар Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, алалхусус, бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот, соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021-ро “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд. Бояд қайд кард, ки соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пурқуввати иқтисодиёт буда, дар таъмини зиндагонии аҳолӣ нақши басо муҳим мебозад. Лозим ба ёдоварист, ки пас аз эълон гардидани он дар қаламрави кишвар дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Дар ин давра шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 13 адади соли 2013 ба 224 адад омада расид. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифгари таърихи фарҳанг, табиат ва анъанаҳои мардум ба ҳисоб меравад.

Соли 2021 Пешвои миллат қайд карданд, ки бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд.

Воқеан ҳам, Тоҷикистон масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиётро дар мадди аввали ҳадафи стратегии худ қарор додааст. Саноат муҳимтарин соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт буда, имкониятҳои содиротии он ва сатҳи рақобатпазирии миллиро таъмин месозад. Дар замони муосир давлат ба эҳёи раванди индустриаликунонӣ ва рушди он назари стратегӣ дорад ва барои он заминаҳои объективии заруриро дорост ва ноил гаштан ба ин ҳадаф бояд ба ғояи муҳимми миллӣ дар давраи оянда табдил ёбад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ то давраи соҳибистиқлолӣ (соли 1991) дар Тоҷикистон ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат дар соли 2024 ба 2040 адад расидааст ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмӯъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст, ки он ба боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ оварда мерасонад.

Дар паёми навбатӣ Пешвои миллат махсус қайд карданд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Воқеан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии рақамикунонӣ қарор дошта бошад ҳам, оғози қадамҳои нахустини худро барои густариш ва гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар кишвар тавассути фаъолияти ТИК дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир як қатор дастовардҳоро ноил гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ аз технологияҳои иттилоотии босуръат вобастагии калон дорад. Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди зеҳни сунъӣ як самти муҳимми рушди илм ва техника мебошад. Дурнамои рушди иқтисоди миллӣ ва талаботи бозори меҳнат вобаста ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар назди соҳаи маориф ва илми мамлакат, хосса низоми таҳсилоти олии касбӣ, дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисос ва коркарду татбиқи дастовардҳои инноватсионӣ вазифаҳои нави стратегӣ мегузорад.

Рушди босуръат ва фарогири информатикаи иқтисодӣ ва оғози иттилоотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро маъмулан ба охири асри XX рабт медиҳанд. Ин пешравиҳо дар такмилёбии пуршиддати техникаи ҳисоббарор ва васоити телекоммуникатсия, дар пайдоиши технологияҳои нав ба нави иттилоотӣ ва рушди минбаъдаи технологияҳои мавҷуда, дар татбиқи бисёрҷонибаи системаҳои иттилоотӣ ва ғайра зоҳир гардидааст.

**Раҳматулло Нусратулло,**
**номзади илмҳои сиёсӣ,**
**и. в. дотсент,**
**Нусратзода Муҳаммадӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент**

ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ

# ЗИНДАГИИ ШОИСТА АЗ ИЛМУ ФАН АСТ

**Паёмҳои ҳамасолаи Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки саршор аз андешаву ақидаҳои ҳакимона, хирадсолорона ва чорагар ба сӯи пешрафту шукуфоӣ аст, халқу кишвари азизамонро барои расидан ба зиндагии шоиста ҳидоят менамоянд.**

Паёми навбатии Президенти мамлакат, Пешвои хирадманду раиятпарвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун паёмҳои ҳарсолаашон ҳуҷҷати комилан стратегӣ ва илман асосёфтаест, ки дар он бо огоҳии арзишманд аз ҷавҳари бунёду ташаккули ҷомеаи ҷаҳонӣ сӯйи халқи азизи кишвар ироа шуда, самтҳои ташаккули давлатдорӣ дар дохилу ҳимояти манфиатҳо ва ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар замони хеле печида ва пурасрор дар хориҷи кишвар мавқеъгирӣ мекунад.

Тавре Роҳбари давлат иброз доштанд: “ноороминву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии босуръат, таҳдиди хатарҳои терроризму экстремизм ба амнияти кишварҳо, вазъи тағйирёбандаи иқлими ҷаҳон ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои сариваќтӣ андешем”.

Ҳадафи Пешвои муаззами миллат дар ҳамин вазъи ҳассос дар заминаи амалисозии ормонҳои миллӣ, муҳимтар аз ҳама, таъмини амнияти миллӣ, рушди устувори иқтисодии кишвар ва беҳ гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум аст. Зеро тавре Сарвари давлат таъкид намуданд, “мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд. Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон”.

Барои таъмини ҳамин марому каломи фасеҳ Пешвои муаззами миллат пеш аз ҳама аҳли зиё, илму фан, маорифу фарҳанг, дину оин ва халқи соҳибфарҳангу бофазл, тамаддунофару соҳибдавлати тоҷикро ба тарбияи дурусти фарзандон, алалхусус насли ҷавону ояндасоз муваззаф намуд, ки тамоми неруи хешро сафарбар намоянд.

Зимни таҳлили амиқи ватандорона Роҳбари давлат дар Паём бо ифтихор зикр карданд, дар се-панҷ соли охир мо ба дастовардҳои ниҳоят арзандаи рушд молик гардидем, ки ин ҳама аз саҳму самараи хидмати фарзандони бонангу номус ва хирадманду ободкори ҳамин сарзамин маншаъ мегиранд. Дар ҳамин росто, танҳо дар рушди соҳаи маориф дар се соли охир беш аз 1500 иншооти нав бунёд гардидааст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ беназир аст. Агар инро ба ибораи назмӣ ифода намоем: «... Таъмири ҷаҳон кори хирадмандон аст».

Дар замони пурҳаводиси олам танҳо миллате сарбаланду дар амон мемонад, ки сокинони кишвараш ватандор, илммеҳвар, маорифпарвар, нововару эҷодкор, китобдӯсту фарҳангсолор асту хираду донишро омили муҳимми тавонгарӣ медонанд. Ба қавли Фирдавсии бузург:

**Хирад раҳнамою хирад дилкушой,**
**Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.**

Давоми панҷ соли охир 4 маротиба баланд бардоштани маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ, алалхусус зиёиён, ки дар маҷмуъ ба андозаи 100 фоиз зиёд шудани музди меҳнатро дар бар мегирад, аз таваҷҷӯҳи рӯзафзуни Пешвои хирадманиши мо барои таҳкиму устувории соҳаи илму маориф, рушди фарҳанг ва дар ин замина донишманду хирадасос тарбия ёфтани насли наврасу ҷавони кишвар далолат намуда, ҳадафи он ҳамсанги рӯзгори дунёи мутамаддин тарбия ёфтани табаияти кишвар аст.

Ҳамин заруратро ба назар гирифта, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои давраи панҷ соли оянда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ дастур доданд, ки бояд ба самтҳо, алалхусус ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.



Дар ин зимн бо мақсади вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карданд. Ин ташаббус пеш аз ҳама, масъулияти аҳли зиёро дар татбиқи ҳадафҳои олии роҳбарияти кишвар беш аз пеш зиёд мегардонад. Ҷиҳати татбиқи ин ҳадафи созанда мо - аҳли зиё, вазифадорем, ки дар замони рушди бесобиқаи илму инноватсия тамоми дониш ва ҷаҳду талоши хешро амалан истифода намоем. Ҳамин зарурատро ба инобат гирифта, ҷиҳати дар низоми таълимии тамоми муассисаҳои зинаҳои таҳсилоти касбӣ таъсиси равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ талабот гузошта шуд, ки хеле бамаврид аст.

Ҳанӯз ба тақвият ниёз доштани масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир дар зинаи таҳсилоти олӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ мо-кормандони соҳаи илму маорифро муваззаф менамояд, ки бо дарназардошти дарки масъулияти инсонсозӣ, вобаста ба вазъи ҷаҳонишавӣ, тарбияи насли донишманду худогоҳ ва ба ҷаҳони имрӯз мутобиқ ташаккулёфтаро тарбияву таълим диҳем, то дар рӯзгори даҳр, дар ҷорсӯи зиндагӣ ба парешониву ноумедӣ мубоҷеҳ нагарданд.

Пешвои муаззами миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медиҳам ва ин ташаббус минбаъда ҳам дар маркази таваҷҷӯҳ ва идораи давлатӣ қарор мегирад. Вобаста ба ҳамин баръало аз хулосаи мантиқӣ ва андешаи Роҳбари давлат айён аст ки «... то вакте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, ҳору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд».

Аз ин ҷиҳат аввалан, волидайни гиромӣ ва сипас мураббиёну омӯзгорон ва аҳли илму зиёи кишварро месазад аз таъкидҳои сирфояндабинонаи Пешвои муаззами миллат хулосаҳои эътимодбахш бароварда, дар тарбияи насли наврасу ҷавон бояд камари ҳиммат бубандем.

Волидайни азизи фарзандонро месазад аз ҳидоятҳои Пешвои миллат сабақ гирифта, дар тарбияи фарзандон кӯшиш ба харҷ диҳанд ва хуб дарк намоянд, ки дар ҳама айём хурофот ҷаҳолат ва хатар асту он ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад. Аз ин рӯ ҷиҳати фарзандони худро аз ин падидаи нобудгар эмин нигоҳ доштан, танҳо рӯ ба илму маърифат овардан аст.

Ин нуктаи омӯзандаву роҳнаморо дар “Роҳат-ус-судур”-и Равандӣ низ баръало эҳсос мекунем: “Ва бидон, ки олами ҷаҳл зулмотест ва олами илм оби ҳаёти зулмот аст. Агар ҳар, кӣ оби ҳаёти илм дар мазрааи дил биронад ва ниҳоли дониш биншонад, номи ӯ абадуддаҳр боқӣ бимонад”.

Дар саргаҳи соҳибистиқлолӣ аҳли зиё ва кулли шаҳрвандон мебояд бо ақлу иродаи қавӣ дарки вазъи замонро дошта бошанд ва дар ислоҳи камбуди хеш боиродат бошанд. Дар осори «Гуфтугӯҳо ва андешаҳо»-и ҳикмати таълимоти Конфутсий-хирадсолори чинӣ омадааст: «Хатои ягона ва бузург ислоҳ накардани хатои худ аст». Пас, биёед худро ислоҳ карда, парвардаҳои хешро ба сӯйи саодат аз баракати илму фан роҳашонро рӯшан гардонем, то шахсиятҳои ватансоз ба воя бирасанд.

Вобаста ба ҳикматҳои роҳнамосози Паёми навбатии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андар боби тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, баҳравар гардидан аз неъмати таълиму тадрис, забондонӣ, баҳравар шудани насли наврасу ҷавон аз технологияи муосир, соҳибкасб гардидан, омода намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ, истифодаи самараноки неъматҳои моддӣ ва маънавӣ барои рушди кишвар, эҳсоси масъулияти баланди кормандони соҳаи илму маориф, аҳли зиё, падару модарон ва тамоми шаҳрвандони кишвар барои тарбияи фарзандон, таъмини зиндагии осоишта ва амнияту субот, ҳамчун ватандори асил саҳм гузоштан дар пешрафти кишвар Сарвари давлат қайд карданд, ки «Мо бояд мисли ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем ва доим дар фикри фарзандони худ, хушбахтиву осоиши онҳо, ободии Ватан, миллат ва давлати хеш бошем. Ман ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон эътимоди комил дорам».

Ин нуктаҳо ҳар яки моро муваззаф менамоянд, ки дар партави тарбияи волои гузаштагонамон пайи татбиқи ҳадафҳои олии Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат камар баста, хосса дар тарбияи бенуқсони насли наврасу ҷавон ҳиссаи сазовору арзанда гузорем.

**Ғ. САФАРЗОДА,**
**номзади илмҳои таърих,**
**мушовири ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# ЭҲЁГАРИ “ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАР”– И КУРУШИ КАБИР

Дар ҳар давру замон шахсиятҳое ба арсаи таърих пой мениҳанд, ки аз рӯи кору пайкор, фаъолият ва саъю кӯшишашон нисбат ба дигар ашхос комилан фарқ мекунанд. Ва ин шахсиятҳо метавонанд бо талошҳои худ барои тақдири миллати худ нақши калидӣ дошта бошанд. Дар таърихи миллати тоҷик низ чунин нафарони таъсиргузор арзи ҳастӣ карданд, ки корҳои бузург ва мондагори онҳо ба эҳёи фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик боис гардидаанд .

Яке аз шахсиятҳои машҳури арсаи ҷаҳонии давраи атиқаи халқи тоҷик Куруши Кабир ба шумор меравад. Куруши бузург дар асрҳои 6-5 пеш аз милод ҳукуматдорӣ карда, аввалин империяи ҷаҳониро бо номи Ҳахоманишиҳо таъсис додааст. Ӯ дар баробари оне ки нахустин империяро асос гузошт, инчунин аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро соли 539-и то милод дар зарфи силиндршакли аз гил сохташуда навишта кард, ки сарчашмаи пайдоиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва демократия ба шумор меравад.

Бостоншиносон соли 1879 ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз Бобул зарфи аз гил сохташударо пайдо намуданд, ки бо шакли ҳандасавӣ ва навиштаҷоти номаълуми худ мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор мегирад. Пас аз таҳқиқу омӯзиши хатшиносону бостоншиносон маълум мешавад, ки зарф ба асри VI то милод мансуб буда, катибаи он ба Куруши Кабир рабт дорад. Айни замон, ин бозёфт дар осорхонаи Британияи Кабир нигаҳдорӣ карда мешавад. Нусхаи он дар Маҷмааи Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчун баёнгари ҳуқуқу озодиҳои инсон нигоҳ дошта мешавад. Аз ин бозёфти таърихӣ 100 нусха сохта шудааст, ки дар осорхонаҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба маърази намоиш гузошта шудааст. Барои мо тоҷикон боиси ифтихор мебошад, ки маҳз ниёгони мо чунин равишу оини давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба мақоми инсонро роҳандозӣ намуда буданд.

Бояд тазаккур дод, ки сохти давлатдории гузаштагони халқи тоҷик, ки ҳанӯз 2500 сол муқаддам таъсис дода буданд, ба низоми ҷомеаи муосири демократӣ хеле шабоҳат дорад. Ин ба он далолат мекунад, ки миллати тоҷик аз давраҳои қадим соҳиби фарҳангу тамаддуни бузурги дурнамосоз буд ва ҳаст.

Дар урфият мегӯянд, ки “бузургонро бузургон зинда медоранд” Яке аз чунин шахсиятҳои зиндакунандаи таъриху тамаддун ва фарҳанг Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки ҳамасола дар паёмҳои хеш солеро барои санаҳои муҳимми таърихӣ, гиромидошти шахсиятҳои бузурги миллат ё барои рушду инкишофи кишвар созмон медиҳанд. Ба ин васила мо метавонем таърихи миллати худро барои ҷаҳониён муаррифӣ намоем.



Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ ва фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор гирифта, дурнамо ва роҳҳои ҳалли масоили вуҷуддошта, баррасӣ гаштанд. Аз ҷумла таъкид карда шуд, ки гиромидошти таъриху фарҳанг, арҷ гузоштан ба шахсиятҳои таърихӣ дар баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳию хештаншиносии шаҳрвандон, хусусан, наврасону ҷавонон таъсири амиқ дорад.

Бо ҳамин мақсад пешниҳоди таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ЮНЕСКО амали саривақтист, зеро имрӯзҳо дар ҷаҳони пур аз тазодҳо азхудкунии фарҳангҳо, нестшавии тамаддунҳо бо суръат доман паҳн карда истодааст. Сарчашмаҳои таърихӣ маълумот медиҳанд, ки дар ҳама давру замонҳо шахсиятҳое буданд, ки тавассути меҳнату ҷонфидоии худ, афкору нерӯи зеҳнии худ дар ҷомеа мавқеи муҳимро касб намудаанд. Миёни донишмандони ҳуқуқшинос, сиёсатшинос ва таърихнигорон дар ҷаҳони муосир баҳсе доман густурдааст, ки аввалин баёнгари ҳуқуқу озодиҳои инсон кадом ҳуҷҷат аст. Доир ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Ақидае роиҷ аст, ки чунин ҳуҷҷат Хартияи Бузурги озодӣ мебошад, ки он дар асри XIII (соли 1215) дар Англия навишта шудааст. Аммо бозёфту далелҳои раднопазире мавҷуданд, ки қадима будани Маншураи Куруши Кабирро тасдиқ мекунанд. Идеяҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки соли 1948 дар Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, ҳазорсолаҳо пештар, аз ҷониби ниёкони мо пешкаши ҷаҳониён гашта буданд.

Бо эҳё ва таҷлили 2550- солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир метавонем бори дигар ба ҷаҳониён аз таърихи куҳани миллати тоҷик башорат диҳем ва пояи давлату миллати худро ҳамчун миллати куҳанбунёду тамаддунофар мустаҳкамтар намоем.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди баору номус, худшиносу худогоҳи миллӣ, аз ҷумла мо омӯзгоронро зарур аст, ки дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро баҳри рушди давлати соҳибихтиёр ва Ватани аҷдодиамон равона намуда, ба ин васила дар пешрафт ва ободию шукуфоии кишвари маҳбубамон саҳми арзишманд гузорем.

**АСОМУДДИНИ А.,**
**и.в. мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# ПАЁМ–РУШДИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ КИШВАР

**Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъе матраҳ шуд, ки тайи чанд соли ахир ҳолати буҳронӣ ва аз ҳампошии иқтисоди ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёмро бо ёдрас кардани мушкилоти вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ, оғоз намуданд. Пеш аз ҳама дар ин раванд вазъи бархурдҳои манофеи сиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, инчунин паёмадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, яроқнокшавии бошто6 ва халалёбии низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳоро ҳамчун воқеияти вазъияти кунунии ҷаҳон бозтоб намуданд.**

Ҳарчанд душвориҳои зиёде дар муносиботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар панҷ соли охир, вобаста аз ҳаводиси болозикр дар кишварҳои ҷаҳон ба вуҷуд омаданд, аммо давлат ва Ҳукумати кишвари мо тавонистанд, самти тавсеаи рушд ва зиндагии шоистаи мардуми кишварро дар авлавияти сиёсати худ қарор дода, ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадаф аз тамоми захираву имкониятҳо истифода намоянд. Ҳамин тавр, Пешвои миллат, новобаста аз мушкилоти мавҷудаи сатҳи ҷаҳонӣ соли сипаригардидаро барои мардуми шарифи кишвар соли бобарор арзёбӣ намуданд.

Президенти муҳтарами кишвар ба тарзи ниҳодина, ҳар бахши ҳаёти иҷтимоиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Сарвари давлат дар Паём аз нигоҳи илмӣ ба таври дақиқ ва асоснок мақсаду маром ва тарзи амалигардонии нақшаҳои кори ниҳодҳои давлатиро ба миён гузоштанд.

Боиси қаноатмандист, ки Паём роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакатро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, шароити амалӣ кардани онҳоро аз лиҳози мантиқӣ бо истинод ба усул ва роҳкорҳои таҷрибаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кардаанд.

Лозим ба таъкид аст, ки роҳ ва василаҳои таъмини рушди рӯзафзуни ҷумҳурӣ баъди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ аз ҷиҳати назариявӣ, бидуни шаку шубҳа, маҳсули хиради ояндабини Пешвои муаззами миллат аст.

Дар Паёми Роҳбари давлат қайд гардид, ки дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид. Яъне нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфта, дар ин давра маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд. Сатҳи таваррум бошад, соли 2024-ум 3,6 фоизро ташкил дода дар панҷ соли охир 29 фоизро ташкил кард, ки андозаи маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардида, бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд.

Дар идома, аз ҷониби Президенти кишвар ба таври муфассал соҳоти иқтисодии кишвар, аз ҷумла кишоварзӣ, энергетика, саноат, роҳсозӣ мавриди баррасии амиқ дар даврони соҳибистиқлолӣ қарор гирифтанд.

Мавриди омӯзиш ва андеша қарор додани суръати афзоиши аҳолии кишвар, таъмини ниёзҳои мардум, дар баробари ин, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва рушди таъмини иҷтимоии мамлакат аз мавзӯъҳои рӯзмарраи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуд.

Ба воқеият табдил ёфтани нақшаҳои бузурге, ки Пешвои миллат дар бораи онҳо ҳарф заданд, бешубҳа, метавонад сатҳ ва сифати зиндагии мардуми Тоҷикистонро ба куллӣ тағйир диҳад ва обрӯи давлати моро дар сатҳи минтақаву ҷаҳон баланд бардорад.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигаре, ки дар Паём ба он ишора шуд, ин давра ба давра беҳтар кардани вазъи зиндагии мардум ва батадриҷ бароварда кардани ниёзҳои аҳли ҷомеа, рушди соҳаҳои саноату хоҷагии қишлоқ тавассути афзудани истеҳсоли молу маводи ватанӣ, ҳамчунин кам кардани ҳаҷми воридот бо такя ба илму маориф ва неруи зеҳниву татбиқи фановариҳои навин буд.



Пешвои миллат ба масъалаи саноатикунонии мамлакат низ эътибори махсус доданд. Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, аз ҷумла сохтани корхонаҳои саноатӣ, бунёди шароити беҳтари инфрасохторӣ дар ин соҳаҳо аз вазифаҳои муҳими давлатӣ дониста шуд.

Сарвари давлат рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии онро бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон ҳисобида, қайд намуданд, ки вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намуданиояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат илму маорифро пойдевори низоми давлатдории дунявӣ хонданд. Ба ин далел, тазаккур доданд, ки давлат ва миллат бидуни илму маориф ҳеҷ аст ва ҳузури фаъоли маорифчиёну зиёиён, ки муаррифгари давлат ва миллатанд, дар умури сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ амри бебаҳс аст. Бахусус авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Пешвои миллат таъкид намуданд, агар соли 1991 низоми маорифи кишвар дар 3229 муассисаи таҳсилоти умуми 1,3 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, ҳоло дар 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 300 ҳазор нафар расидааст. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Дар идома ба таври муқоиса зикр гардид, ки агар дар соли 1991 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард, Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Дар ин замина таъкид карда шуд, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад ва сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Яъне то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Аз ин лиҳоз метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад.

Сарвари давлат ба он ишора фармуданд, ки раҳбарияти маорифи кишварро зарур аст, сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардорад. Ҷалби наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеию илмӣ ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои табиию риёзӣ ки аз мушаххасоти давр ва ҷаҳони муосир аст, таъмин намоянд. Мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, таҳлил гардид ва дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо ва Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ супоришҳои мушаххас доданд,

Сарвари давлат зимни баррасии масъалаҳои фарҳанг, ҷавонон ва бонувон аз боло бурдани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, инчунин эҳтиром гузоштан ба занону бонувонро таъкид намуданд. Бахусус мушкилии падидаҳои номатлуб ва ғайриинсоние монанди бунёдгароӣ (фундаментализм), ифротгароӣ (экстремизм), тундгароӣ (радикализм) ва даҳшатафканӣ (терроризм)-и динӣ-мазҳабӣ фазои фарҳангӣ ва маънавии мамолики Шарқи мусулмониро фаро гирифта, роҳи бурунрафтро аз ҳар тараф бастаанд. Падидаҳои мазкур, ки зодаи «табъу истеъдод»-и ҷаҳолатмаобони давранд, ҳамеша аз ҷониби қудратҳои бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ шуда, вазъи куллиро дар манотиқи гуногуни шарқӣ, бавижа, шарқи мусулмонӣ ноҷур месозанд. Сухан сари ин аст, ки фарҳангҳои миллию бумӣ дар ҷараёни ташаннуҷи ифротгароӣ ва тундгароии динӣ таҳти хатари азим гирифтор шуда, дар садади нобудӣ қарор мегиранд.

Ҳамин тавр, Сарвари давлат дар Паём масъалаи манофеи миллиро ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои нахустини давлатдории тоҷикӣ ҳадафи меҳварӣ маҳсуб меёфт, ба самъи ҳозирин расонида, дар ин замина, таъкид доштанд, ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тамоми саъю талошро баҳри ба сатҳи кишварҳои мутамаддини ҷаҳонӣ расонидани ҷумҳурӣ анҷом медиҳад ва дар ин кор саҳми мардуми шарифи Тоҷикистон бисёр бузург хоҳад буд.

Ба ин тартиб, Сарвари давлат ҳадафи стратегии давлатро дар Паёми навбатӣ мисли солҳои қаблӣ дар таъмин намудани шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карданд. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод намуданд ки:

– аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;.

– аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;

– инчунин, аз 1-уми сентябри соли 2025 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад. Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне индексатсия карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар Паём самтҳои ҳаётан муҳимми рушди иқтисодӣ иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбии коршиносона қарор гирифт. Аз инҷост, ки Паёми Пешвои миллат дурнамои рушди давлатдории мост ва дар он нақшаҳои муҳимтарини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқу аниқ муайян шудаанд. Шоиставу боиста аст, ки ин ҳуҷҷати раҳнамо ва тақдирсоз, ки бар мабнои тозатарин нишондодҳои илмию ихтисосӣ таҳияву коркард шудааст, ба унвони мадраки муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва маданӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиши коршиносон ва ниҳодҳои илмиву пажӯҳишии кишвар қарор бигирад.

**Исомиддин Шарифзода,**
**муовини ректори ДТТ**
**оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ**

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР РАВАНДИ БУНЁДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ

**“Ҳизби мо мардумӣ ва зодаи даврони истиқлол буда, дар асоси ормонҳои халқи шарифи кишварамон таъсис ёфтааст”**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият роҳи бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёдро интихоб намуд, ки яке аз принсипҳои меҳварии бунёди чунин ҷомеа гуногунандешии сиёсӣ аст. Дар асоси талаботҳои ҷомеаи демократӣ ташкилоту ҳаракатҳои сиёсӣ одамони ҳамфикру ҳамақидаро бо ҳам муттаҳид менамояд ва онҳо дар чаҳорчӯбаи қонунгузории кишвар ҳуқуқ доранд ҳизби сиёсӣ таъсис диҳанд.

Воқеан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Идеяи таъсиси ҳизби нави сиёсиро, ки фарогири ҳарчи бештари манфиатҳои давлат ва миллат бошад маҳз дар ибтидои соли 1993 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуда буд.

Вобаста ба ин, 12-уми июни соли 1993 Кумитаи тадорукотӣ таъсис дода шуд. Кумитаи тадорукотӣ ҳуҷҷатҳои ташкилии ҳизбҳои навтаъсиси демократии Русия, Ҳизби сотсиал-демократии Олмон, Ҳизби демократии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва як қатор ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии дунёро омӯхта, ба хулосае омаданд, ки ҳизби нав бояд моҳияти халқиву демократӣ дошта бошад.

Пешвои миллат пайваста таъкид мекарданд, ки ҳадафу мақсадҳои ҳизби нав бояд аз моҳияти ичтимоидоштаи давлати мо сарчашма гирад ва он бояд пеш аз ҳама, ниёзҳои иҷтимоии сарросари аҳолии мамлакатро бароварда созад.

Ҳамин тавр, Ҳизби Халқии Тоҷикистон (баъдан 25-уми июни соли 1997 Анҷумани III номи Ҳизби Халқии Тоҷикистонро ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табдил дод) барои тахкиму тарғиби ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ 10-уми декабри соли 1994 зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба майдони сиёсат омад.

Ғояҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҷониби аксарияти мардуми кишвар дастгирӣ ёфта, дар бартараф намудани мухолифатҳои дохилӣ, барқарории сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ, баргузории ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ ва ташаккули сохтори давлатдории нав нақши муҳим бозид.

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати навини тоҷикон воқеан беандоза аст. Маҳз бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии ин абармарди хирад ва родмарди сулҳи тоҷикон, Тоҷикистони азиз аз парокандашавӣ эмин ёфт.

Имрӯз ватани маҳбубамон – Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ бо қадамҳои устувор ба пеш меравад. Нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати ташаббускор ва созанда дар пешниҳодҳои беназири Сарвари давлат, Раиси муаззами ҳизб Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла



татбиқи ташаббуси чорум дар соҳаи об – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028 бо иштироки Роҳбари давлат дар Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамкориҳои зич бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар шарикони рушд, инчунин баргузории конфронсҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, аз қабили мубориза муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатомез асос меёбад.

Қобили зикр аст, ки дар даврони Истиқлолият бо заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва барои зиндагии шоистаи мардум дар мамлакат бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина амалишавии чор ҳадафи тақдирсози стратегии Ҳукумати мамлакат: истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар корҳои зиёде ба анҷом расида истодаанд.

Вобаста ба амалишавии ҳадафҳои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар санаи 16-уми ноябри соли 2018 ба кор андохтани аввалин агрегати НБО “Роғун” ва 9-уми сентябри соли 2019 ба кор андохтани агрегати дуюми НБО “Роғун” аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадами устувор дар рушди на танҳо Тоҷикистон, балки минтақи Осиёи Марказӣ гардид.

Имрӯз, ҲХДТ зери роҳбарии Пешвои миллат, Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафту дигаргуниҳои куллии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, маънавию фарҳангӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва равобити хориҷии Тоҷикистон нақши калидӣ дошта, барои мардуми шарифи Тоҷикистон шароити мусоид ва пешрафту тараққиётро фароҳам овардааст.

ҲХДТ барои таъмини рушди устувор ва бомароми мамлакат, ки бо мақсади муҳайё кардани сатҳу сифати арзандаи зиндагии аҳолӣ, фароҳамсозии имкониятҳои баробарҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи неруи инсонӣ, ки дар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиром гузоштан ба шаъну шарафи инсон равона гардидааст, пайваста саъю кӯшиш менамояд.

**Ф. ҒАФФОРОВ,**
**аъзои фаъоли ҲХДТ, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# НЕРУЕ КИ ИНСОНИЯТ БА ОН ДОИМО НИЁЗ ДОРАД

**Модар азизтарин вуҷуди рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегирад. Мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем, чун ӯ ҳангоми шодиву нишот ва ғаму андуҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамроҳи мост.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун арзишмандтарин ва аввалин тарбиятгари кӯдаку насли наврас мавқеи хосаро дорост, зеро зан – модар заминаҳои аввалини ҳарфхову дониши фарзандро ҳамчун Инсони комил ба роҳ мемонад.

Ин нукта дар Паёми Пешвои миллат чунин зикр гардидааст: “мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем”.

Қобили зикр аст, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар духтарони боистеъдоди қаламрави кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Мутафаккири бузург Абдурауфи Фитрат ҳамаи пешравию рушди бонизомии ҳар давлатро аввалан дар ҷойгоҳи модар ва оила мебинаду иброз намудааст: «Дар ҳар ҷо, ки муносибати оила бо қуввати интизом аст, мамлакату миллат низ қавӣ ва мунтазам хоҳад буд».

Мувофиқи мақсад аст, ки барои дастгирии занону духтарон дар



донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат имтиёзҳо, тавассути он ба мисли квотаи Президентӣ муқаррар гардидаанд, ки ҷавондухтарон метавонанд ба тарзи ройгон аз чунин имконият истифода баранд. Ин буд, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ зиёда аз 11 ҳазор нафар духтароне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тибқи квотаи президентӣ хатм кардаанд, беш аз 80 фоизи он дар соҳаҳои гуногуни саноату мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд ва беш аз 25 фоизи онҳо дар мансабҳои роҳбарӣ барои тараққиёти давлат бо ташаббусҳои созанда содиқона хизмат карда истодаанд.

Бо ҳамин иқдом ҳазорҳо нафар бонувони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкориву тиҷорат рӯ оварда, дар кишвари маҳбубамон корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсoливу хизматрасонӣ таъсис доданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар кор давру замон занон ва бонувон бо меҳнати шоистаи худ дар таърихи миллат нақши муҳим ва сазовор гузоштаанд.

Вақт мегузарад, бо мурури замон низомҳо дигар мешаванд, сиёсатҳо тағйир меёбанд, аммо зан-модар, ки ҷавҳари ӯро меҳру муҳаббат, самимият, зебоӣ, хушбахтӣ, дилрабоӣ, садоқату ҳунармандӣ, покию иффат, насловарӣ ва фариштахӯиро ташкил медиҳад, дар ҳама вақт неруе боқӣ мемонад, ки инсоният ба ӯ доимо ниёз дорад. Дар он хонадоне, ки меҳру муҳаббат, қадру манзалат ва навозиши модар зиёд бошад, дар он хонадон доимо файзу нусрат, хонаобод ва баракати зиндагӣ зиёд мегардад.

Таърих исбот менамояд, ки зан – модар бо иродаву дурандешӣ, хирадмандиву заковат, донишмандиву истеъдод, бо ҳидояту пайкори хеш метавонистанд зиндагии худу атрофиёнашонро мунаввар ва ақлу заковат, иродаву фазилат ва маърифату фарҳанги оиладорӣ, сутуни давлат ва пойдевори зиндагии ҳар хонадонро устувор созанд. Дар ҷомеае, ки зан мақоми созанда ва зиндагии шоиставу солим дошта бошад, он кишвар дар ҳақиқат рушд меёбад. Дар ҳақиқат зан-модар оинаи ҷомеа аст.

Қалби пурэҳсоси зан-модар саршори меҳру вафо буда дар эъмори ҷомеаи навин нақши созандае дорад. Худшиносии миллӣ, маърифати баланд, меҳнатдӯстӣ, фарҳанги оиладорӣ ва дурандешиву озодфикрӣ калиди бахту саодат ва роҳ ба сӯи комёбиҳо мебошад.

Нақши духтарон ва бонувону занон дар пешбурди давлати демократӣ ва дунявӣ хеле калон мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ занон 49,3 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Имрӯз дар кишварамон соҳае нест, ки духтарон, занону бонувони тоҷик дар он фаъолият надошта бошанд. Тақрибан 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, аз ҳисоби занону бонувон мебошанд.

Дар давраи Истиқлолият занон тавонистанд, ки дар соҳаҳои гуногуни кишварамон кору фаъолияти пурсамар намоянд. Имрӯз зани тоҷик дар баробари модару ҳамсари хуб будан, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, муҳандис, ронанда, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ фаъолият намуда, саҳми босазои худро дар пешрафти ватану кишвари азизамон ва осоиштагии миллат расонида истодааст.

Сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе иштироки ҷавондухтарон ва занону бонувон тасаввур кардан номумкин аст. Таҳлили фаъолияти самарабахши занону бонувони кишварамон дар сиёсати ҳозира нишон дод, ки дар ҳақиқат занону бонувон дар сатҳи идоракунии давлатӣ нақши муҳим доранд.

Маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санаду меъёрҳои дахлдор нисбат ба мақоми зан дар ҷомеа ва таҳсилу кор имконият фароҳам оварда, то занон ва бонувони тоҷик дар баробари он ки ҳамчун тарбиятгар дар оила рисолати модариву ҳамсариро ба ҷо меоваранд, инчунин сарбаландона аз уҳдаи роҳбариву фаъолият низ мебароянд.

**Ниятбекзода Фариза Лаълбек,**
**муаллими калони кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрока**

*“Бо боварӣ метавон гуфт, ки имрӯз зани тоҷик бо хираду офаридгорӣ, меҳру муҳаббат, самимият, тамкину сабр, иффату ахлоқи ҳамида, тарбиятгарию бунёдкорӣ неруи бузург ва созанда ҷомеаро роҳнамоӣ карда метавонад. Ин аст, ки нақши созандаи зан-модар дар ҷомеаи мо эътирофшудаист ва бошад, ки ин машъалҳои роҳи маърифат ва ободкориҳоро ҳамеша фурӯзону тобанда бубинем.”*

*Эмомалӣ Раҳмон*

# НАҚШИ МУАССИРИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ДАР РУШДУ ТАРАҚҚИЁТИ ҶОМЕА

Мусаллам аст, ки пешрафти дилхоҳ соҳаро бе иштироки занону духтарон тасавур кардан ғайриимкон аст. Бояд гуфт, ки бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону духтарон дар ҷомеа мақоми хосса пайдо карда, дар тамоми соҳаҳо кору фаъолияти назаррас менамоянд.

Боиси ифтихор аст, ки Сарвари давлат меҳнати занону духтаронро қадр карда, нисбати фаъолияти эшон назари нек доранд ва андешаву афкор, қобилияту истеъдод ва садоқату ҷасорати ҳар як нафарро дарк мекунанд.

Воқеан ҳам, дар ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд занону бонувон дар баробари мардон заҳмат мекашанд ва дар рушду тараққиёти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа саҳми арзишманд мегузоранд. Беҳуда нест, ки Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” нақшу мақоми занону бонувони тоҷик ва хизматҳои содиқонаи ин қишри ҷомеаро дар рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзанда арзёбӣ намуданд.

Боиси хушҳолист, ки айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар духтарони боистеъдоди тоҷик ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Сарвари давлат бо қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки аз 42 ҳазору 400 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд. Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ҷомеа ба ин дастоварди муҳим ба шарофати истиқлолият ноил шудааст. Зеро дар қиёс бо маълумоти омории соли 1989-ум, ки ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд, ин нишондиҳанда хеле фарққунанда аст.

Сарвари давлат дар Паёми хеш бо изҳори қаноатмандӣ зикр намуданд, ки имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, инчунин корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.

Дар Паёми Президенти мамлакат нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир арзёбӣ гардидааст.

Президенти кишвар шахсияти зан – модарро дар ҷомеа ва хонаводa арҷгузорӣ намуда, изҳор намуданд, ки мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем. Президенти маҳбуби кишвар бо боварӣ иброз доштанд, ки занону модарон ва бонувону духтарони арҷманд минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи кӯдак”, ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд.



**Наҷмия Озодбекова,**
**н.и.ф-м.,**
**дотсенти кафедраи**
**математикаи олӣ**
**ва информатикаи ДТТ**

Ба истиқболи ҷашни сада

# САДА ҶАШНИ МУЛУКИ НОМДОР АСТ ...

**Ҷашну маросими фарҳангию суннатӣ муҳимтарин омили муттаҳидкунандаи умумиятҳои гуногуни башарӣ ба шумор меравaнд. Боиси хушнудист, ки бо шарофати истиқлоли давлатии кишвари азизамон ва бо кӯшишу ибтикороти созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Сада дар қатори дигар ҷашнҳои миллии мардуми тоҷик аз нав эҳё гардида, 6-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Касанеи Ҷумҳурии Ботсвана дар Иҷлосияи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд.**

Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мавсимии халқиятҳои ориёитабор ба шумор меравад, ки рӯзи 10-уми моҳи Баҳмани солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани шаби Ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи дай) ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун гиромидошти ойини оташпарастӣ ва бузургдошти Меҳр истиқбол гирифта мешуд.

Асосу мазмуни ҷашни Садаро тибқи ривоятҳо ғолиб омадани рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва хубию некӣ бар бадӣ ва зиштӣ ташкил дода, мардум онро бо сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, дар қисмати шаҳриёрии Ҳушанг (ҷилди аввали “Шоҳнома”) ба ҷашни Сада боби махсусе таҳти унвони “Бунёд ниҳодани ҷашни Сада” ихтисос медиҳад ва сабаби пайдо шудани ин ҷашнро чунин тасвир мекунад:

**Фурӯғе падид омад**
**аз ҳар ду санг,**
**Дили санг шуд аз**
**фурӯғ озаранг.**
**Нашуд мор кушта,**
**валекин зи роз,**
**Ки аз табъи санг**
**оташ омад фароз.**

Абурайҳон Берунӣ дар “Аттафҳим” доир ба ин ҷашн чунин ишора намудааст:

Инчунин якчанд устураҳои машҳур ҷой доранд, ки дар он аз ҷашни Сада ёдовар шудаанд, ба монанди:

1.“Шаби пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок”. Аз ҷумла, Берунӣ ин матлабро дар “Аттафҳим” ва бахусус дар “Осор-ул -боқия” муфассалтар баён менамояд. Дар “Наврӯзномаи Хайём” низ ёдоварӣ шудааст. Яъне наҷоти сад тан морони Заҳҳок аст.

2. Вазири Заҳҳок, ҳар рӯз бояд ду танро кушта, мағзашонро ба морони дӯшҳои Заҳҳок медод, вале ӯ якеро наҷот мебахшид. Чун Фаридун бар Заҳҳок пирӯз шуд, теъдоде ин озодшудагон ба сад расид. Вазир Фаридунро аз ин воқеа хабар намуд. Он сад тан дар шаб, дар ҳузури бозрасони Фаридун, ҳар як оташе ҷудогона дар кӯҳистон афрӯхтанд. Ба эътибори сад тан будани онон, ҷашни Сада барпо шуд.



3. Садаро ёдбуди пирӯзии Таҳмос бар Афросиёб низ медонанд.

4. Чун бо гузаштани сад рӯз аз зимистони бузург, сармо ба поёни авҷи худ мерасад ва пасон суст мешавад, ба шодии ин сустӣ, ниёкони мо ҷашни Садаро барпо медоштанд.

5. Аз рӯзи Сада то рӯзи гирдоварии ғалла сад рӯз фосила аст, ки ба ин сабаб ин ҷашнро Сада номидаанд.

“Сада чист? Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва он даҳум рӯз бувад. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум оташҳо зананд ба гавзу (чормағз) бодом ва гирд ба гирди он шароб хӯранд ва лаҳву (бозӣ) шодӣ кунанд. Ва низ гурӯҳе аз он бигузаранд, то ба сӯзонидани ҷонварон. Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб...” (Аттафҳим 1973, с. 145). Аз рӯи ин маълумоти таърихӣ равшан мешавад, ки ин ҷашн дар миёни мардум аз замонҳои қадим маҳбубият доштааст ва ба он гузаштагони мо эҳтироми хосса менамудаанд.

Дар бораи шарҳи калимаи “Сада” дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ андешаҳои гуногун дарҷ гардидаанд. Аз он ҷумла, машҳуртарин тафсири мардумии он ин аст, ки “сада” аз шумораи 100 гирифта шудааст ва он иборат аз панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз будани замони расидани Наврӯзро ифода мекунад. Аммо ба ақидаи олимони устурашинос истилоҳи “Сада” аз калимаи “санд”- и авестоӣ ба маънои падид омадан, равшан шуданро дорад. Дар асотири куҳани эронӣ падид омадани ин ҷашн ба иллати муборизаи Ҳушанг бо мор сурат гирифтааст. Ҳушанг чун морро мебинад, ба тарафаш санг ҳаво медиҳад ва санг ба мор барнамехӯрад ва ба санги дигар бархӯрда, оташро ба вуҷуд меорад.

Сада дар ашъори шоирони классик зиёд тавсиф шудааст. Онҳо Садаро ситоиш намуда, дар бораи ин ҷашн ва арзиши он назари хешро ифода намудаанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”, ки яке аз афрӯхтани гулханҳои бузург ва баргузор намудани ҷамъомадҳо таҷлил мекарданд.

Ҷашни Сада дар давоми таърих мақоми хос дошт, ҳангоми давлатдории Ашкониён, Сосониён ва Сомониён низ бо тантанаву шукуҳи тамом ҷашн гирифта мешуд. Беҳуда нест, ки дар бузургдошти Сада шоири тавоно Фаррухӣ (асри XI) чунин навиштааст:

**Сада омад, ки туро мужда**
**диҳад аз Наврӯз,**
**Мужда бипазиру бидеҳ**
**хилъату кораш ба тироз.**

Ҳамин тариқ, ҷашни Сада ифодагари маърифати амиқи мардуми ориёитабор дар муносибат бо табиат ва истифодаи қудрати он барои беҳбудии зиндагӣ мебошад. Ин ҷашн на танҳо як расми қадимист, балки рамзи умед, меҳнат ва ғайрат дар роҳи фатҳи мушкилот аст. Ҳифз ва эҳёи ин гуна ҷашнҳо барои нигаҳдории ҳувияти миллӣ ва рушду такомули фарҳанги бостонии мо амри зарурӣ аст.

**НУРОВА К.А.,**
**дотсенти кафедраи**
**забони тоҷикӣ**

# МАҚСАДИ НИҲОИИ ТАРБИЯИ МИЛЛӢ-ТАШАККУЛИ ИНСОНИ КОМИЛ

**Ҷавонон дар ҳар давру замон қувваи пешбаранда, нерӯи фаъолу боғайрати ҷомеа буда,ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста мебошад. Ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи миллат ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд. Боиси хурсандист, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дастовардҳои ҷавонон хеле зиёд буда, заҳмати онҳо аз ҷониби давлату ҳукумат қадрдонӣ карда мешавад.**

Барои баланд бардоштани маърифати ҷавонон, ҷалби онҳо ба илмомӯзиву донишазхудкунӣ, дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод ва барои таҳкими ҳисси ватанпарастии ҷавонон барномаҳои мақсаднок таҳия ва амалӣ мегарданд.

**Партави некон нагирад, ҳар ки бунёдаш бад аст,**
**Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гумбаз аст.**
**(С.Шерозӣ)**

Ҳар як марҳилаи бакамолрасӣ хусусияти хоси тарбиявиро доро мебошад. Донишҷӯён аз лиҳози он, ки ба шахсони бакамолрасидаи марҳилаи аввал, яъне давраи ҷавониро доро мебошанд ва синну солашон аз 17-сола боло мебошанд, бинобар ин, маҷмӯи корҳои тарбиявӣ хусусияти хоси худро дорад. Дар ин синну сол олимони соҳаи педагогика ва психология чунин мепиндоранд, ки шахс дар ин марҳилаи зиндагӣ акнун дарк менамояд, то ба ҳадафҳои гузоштааш расад.

Дар бисёре аз адабиёти илми педагогика оварда шудааст, ки зери мафҳуми тарбия чунин фаъолияти мақсаднокеро оид ба даст овардани хислатҳои наҷиби аз ҷониби ҷомеа пазируфташавандаи инсонро меноманд, ки дар натиҷаи расонидани таъсири педагогию психологӣ ба шахси ташаккулёбанда, нишон дода тавонистани намунаи ибрати маънавии ба ҳар яке аз иштирокчиёни раванди бакамолрасӣ, аз ҷониби шахс дарк намуда тавонистани соҳиби ақлу идрок будан, ахлоқи ҳамида доштан, худро шинохтаю, пайваста такмил додан ба даст меояд.

Бояд қайд кард, ки тарбия ин падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Ҳамзамон тарбияи насли наврас ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки ҷомеа буда, барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии ҳадафнок ва бунёди ҳаёти фарҳангӣ равона карда мешавад.

Ҳадафи тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои мақомоти давлат қарор мегирад, ки он барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд ихтисос дода мешавад.

Тарбияи миллии шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул дода, қодир аст бар пояи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ таъсир расонад, Ватани хешро дӯст дорад ва онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, дар он ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс, забон, эътиқодҳои динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ баробар тарбия мегиранд. Ҳар як шаҳрванд метавонад фарзандонро дар рӯҳи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намояд, ба шарте ки рафтору кирдор ва фаъолияти илмию фарҳангӣ хилофи арзишҳои умумидавлатии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад.

Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми чораҳоро меандешад, ки шаҳрвандони мамлакат, аз хурд то калон, дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд.

Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии анъанаю расму оинҳои мусбати миллии кишварро дар тарбияи мардум дастгирӣ карда, барои истифодаи осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ, динӣ ва асару дастурҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба тарбияи шаҳрвандон тадбирҳо меандешад.

Моро лозим аст, ки дар муҳити Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси арзишҳои ҳуқуқӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, мутобиқ намуда, ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарбаландона ва бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва ифтихори миллӣ пешвоз гирем.

**Фирдавс КАБИРОВ,**
**муаллими калони кафедраи**
**мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока**

# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН

**Муҳаққиқон дар ҳама давру замон фишанги пешбарандаи ҷомеа шинохта шуда, баҳри пешбурди соҳоти хоҷагии халқ неруи зеҳнӣ сарф месозанд. Ин зумраи фаъолро қишри созандаву зиндагисоз ном мебаранд. Мин ҷумла, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои ҷавонон тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, ихтирову навовариҳои зиёде ба майдон меоянд.**

Олими ҷавону навовар, омӯзгори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Шӯҳратҷон Назаров ба сӯи қуллаҳои баланди илм бо қадамҳои устувор пеш рафта, бозёфтҳои тоза ба тоза ба даст меоварад. Ӯ хуб дарк намудааст, ки ихтирову навоварии ҷавонон аз ҷониби ҳукумати кишвар, бахусус, Сарвари ғамхори давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадрдонӣ мегарданд.

Шӯҳратҷон Назаров баъди хатми факултети муҳандисиву технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ихтисоси дастгоҳҳо ва таҷҳизоти истеҳсоли хӯрока (соли 2007) ҳамчун мутахассиси соҳаи саноати хӯроквории муддате дар Комбинати шири шаҳри Душанбе ба ҳайси муҳандис-механики дараҷаи 4-ум фаъолият намуд.

Соли 2009 ба ҳайси ассистент дар кафедраи мошин ва таҷҳизоти истеҳсоли хӯрокаи факултети муҳандисӣ-технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кордаъват мегардад. Айни ҳол дар вазифаи мудири сектори мубодилаи академии донишҷӯёну омӯзгорони донишгоҳ фаъолият дорад.

Солҳои таҳсили 2014-2015 Ш. Назаров ба ҳайси унвонҷӯ дар Донишгоҳи илмӣ-техникии шаҳри Лилли Ҷумҳурии Фаронса дар озмоишгоҳи механикии Лилл дар мавзӯи рисолаи илмӣ «Коррозияи хӯлаҳои алюминий-литий бо металлҳои нодирзамини лигаронидашуда» муддати як сол тадқиқоти илмӣ бурдааст. Дар раванди таҳсил дар донишгоҳи мазкур бо истифода аз технологияҳои нав хусусиятҳои оксидшавии хӯлаҳои сабукро бо истифода аз усули термогравиметрия (TGA) омӯхта, натиҷаҳои илмиву таҳқиқотии ҷашмрас ба даст овардааст.

Шӯҳратҷон Назаров дар доираи омӯзиши хӯлаҳои сабук миёни истеъдодмандон ба навоварӣ дастёб гардидааст.

Ӯ солҳои 2015-2016 ба ҳайси ходими хурди илмӣ дар озмоишгоҳи муҳандисӣ-индустриалии Донишгоҳи Падуяи Ҷумҳурии Италия дар доираи барномаи Аврупоии Erasmus-Mundus Action 2 Silk-



road тадқиқоти илмӣ бурдааст. Дар раванди омӯзиш дар озмоишгоҳи мазкур оид ба хусусиятҳои физикиву кимиёӣ, микросохтор бо истифода аз микроскопи электронӣ (SEM), омӯзиши хусусиятҳои гармофизикӣ бо усули шуоҳои лазерӣ (Laser Flash thermal diffusivity) ва гармиғунҷоиши хӯлаҳои сабук дар дастгоҳи каллориметрия DSC (Different scanning calorimeter) тадқиқот гузаронидаст.

Боиси ифтихор аст, ки муҳаққиқи ҷавони тоҷик дар озмуни барномаи гранти байналмилалии Фулбрайти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои муҳаққиқон (Fulbright Visiting Scholar Programme) дар байни 220 мамлакати ҷаҳон пирӯз гардида, тадқиқоти илмии худро дар Донишгоҳи Делавэри ИМА ба муддати як сол идома дод.

Дар доираи барномаи Фулбрайт дар мавзӯи лоиҳаи тадқиқотӣ «Хусусиятҳои физикӣ ва кимиёвии хӯлаҳои алюминий Al+6%Li бо металлҳои нодирзаминӣ (Y, La, Ce, Pr, Nd) ва металлҳои гузариш (Ti, V, Nb)" дар озмоишгоҳи байнисоҳавии илм ва муҳандисии Боб ва Ҷон Гори кафедраи масолеҳшиносӣ ва муҳандисии Донишгоҳи Делавэр муддати як сол тадқиқоти илмӣ бурдааст.

Ҳангоми таҳқиқот дар озмоишгоҳи мазкур, масъулияти ӯ идома додани фаъолияти таҳқиқоти илмӣ вобаста ба нақшаи тадқиқотӣ буд, ки аз инҳо иборат аст:

– Омӯзиши металлографии хӯлаҳои нави таҳияшуда (AlLi Ti, V, Nb) ва (AlLi Y, La, Ce, Pr, Nd) бо истифода аз микроскопи электронии SEM/FIB Auriga 60;

– Омӯзиши микросохтори хӯлаи алюминий Al+6% Li бо металлҳои нодирзаминӣ ва металлҳои гузаришӣ бо истифода аз Микроскопи электронии сканери SEM/FIB Auriga 60 ва JSM-7400F

– XRD Таҳлили Рентгени Диффранксионӣ хӯлаи алюминий Al-Li бо металлҳои нодирзаминӣ ва элементҳои гузариш D8 DISCOVER;

– Омӯзиши якпорчагии механикии хӯлаи алюминий Al+6%Li бо металлҳои нодирзаминӣ ва элементҳои гузариш;

– Омӯзиши хосиятҳои гармии хӯлаи алюминий Al+6% Li бо металлҳои нодирзаминӣ ва гузариш бо истифода аз TGA-DSC: Q600 SDT;

– Усули термогравиметрии TGA барои омӯзиши кинетикаи оксидшавии металлҳо ва хӯлаҳо ва гузаронидани спектр бо истифода аз ИК-Фуре спектроскопия барои пардаи оксидшавӣ бо ёрии таҷҳизоти ИК-Фуре спектрометри Nexus 670;

– Омӯзиши хосиятҳои электрохимиявии хӯлаҳо дар муҳити нейтралӣ.

Ӯ коркарди додашудаҳоро тавассути алгоритмҳои мувофиқи барнома дар ORIGIN, MATLAB сохташуда ва ташкили пайдарпайи натиҷаи тадқиқотро инчунин бо Excel пурра коркард кардааст.

Навоварии илмии лоиҳаи Ш. Назаров коркарди хӯлаҳои нави сабук, муқаррар намудани муқовимат ба оксидшавӣ, устуворӣ ба гармӣ ва термодинамикӣ, инчунин ошкор намудани механизми таъсири металлҳои нодиризамин ва металлҳои гузаранда ҳамчун пурзӯркунандаи хосияти механикӣ ва иловаи самарабахши анодӣ мебошад. Ин саҳмҳо ба ҳадафҳои пешрафти илм дар рушди технологияи масолеҳшиносӣ мувофиқанд.

Олими ҷавону ҷӯянда муаллифи зиёда аз 60 мақолаи илмӣ ва ихтироъ буда, 11 мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои байналмилалии Scopus, Springer чоп гардидаанд. Ӯ соҳиби 7 патент барои ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 патенти Авруосиёгӣ барои ихтироъ, 1 санади татбиқ дар истеҳсолот ва ҳаммуаллифи 4 монография, 3 китоби дарсӣ ва 2 дастури таълимию методӣ мебошад.

Шӯҳратҷон Назаров дорандаи дипломи дараҷаи сеюми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки фаъолона дар озмуни олимони ҷавон «Беҳтарин навовар» (2014), 2 дипломи Маркази миллии патентии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар намоишгоҳҳои илмӣ дар Форумҳо ва озмунҳои ихтироъкорон, Дипломи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки фаъолона дар озмуни «Беҳтарин ихтироъкорон»-и Тоҷикистон дар соли 2019, беш аз 25 сертификати байналмилалӣ барои иштироки фаъолона дар семинарҳо, таҷрибаҳои байналмилалӣ ва муаллифи зиёда аз 12 лоиҳаи инноватсионӣ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки Шӯҳратҷон Назаров дар амалӣ намудани доиҳаҳои байналмилалии илмӣ -таълимӣ низ фаъол мебошад, аз ҷумла:

– барномаи GIZ – “Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ”-и консорсиуми Донишгоҳи техникии Дрезден;

– лоиҳаи Рушди таҳсилоти Олии Бонки Умумиҷаҳонӣ (World Bank) Таҳсилоти духтарон ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат;

– лоиҳаи “Интиқоли технологияҳои таълимии Аврупоӣ дар соҳаи технологияи истеҳсоли хӯроквории дар Тоҷикистон” (TAEETT) -и барномаи PECA – “Таълимоти касбӣ барои бахшҳои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ”-и ташкилоти байналмилалии GIZ;

– лоиҳаи Барномаи Эрасмус + Иттиҳоди Аврупо “OFINU – Донишгоҳи Кушоди Инноватсияҳо дар Озуқаворӣ” дар Осиёи Марказӣ.

Ба олими ҷавон Шӯҳратҷон Назаров дар ҷодаи ихтироъкорӣ ва фатҳи қуллаҳои илм барору комёбӣ орзумандем.

**Башир ОХУНОВ,**
**сардори идораи робитаҳои**
**байналмилалии ДТТ**


Фановар

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха*